Ба Шӯрои диссертатсионии
6D.КОА-062 назди Донишгоҳи
славянии Тоҷикистон-Россия

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати Ятимов Амирхон Ҷурахонович дар мавзӯи «Ташаккул ва такмили иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии минтақа дар шароити муосир (дар мисоли вилояти Хатлон)», барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимой-иқтисодӣ.**

Дар замони пешрафти илму техника ва тараққиёти босуръати технологияҳои муосир аҳамияти фаъол гардондани омили муҳими рақобатпазирӣ, яъне тақвияти корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҷрибавӣ назаррас арзёбӣ мегардад. Илм - фаъолияти мунтазами эҷодӣ буда, бо мақсади баланд бардоштани донишҳои илмӣ оид ба инсон, табиат ва ҷомеа, инчунин муайян намудани самтҳои нави татбиқи амалии ин донишҳо, ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум ва ҳамоҳангсозии муносибатҳо байни инсон ва табиат мебошад. Имрӯз ҳар як давлатҳои ҷаҳон, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ташаккули афзалиятҳои рақобатпазирии соҳаҳои илму техника ва технология, маориф, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ва дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ниёз дорад. Таҳқиқот ва коркарди таҷрибаҳо ҳангоми татбиқи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҷрибавӣ, инчунин кашфи гуногуни навовариҳо таҷассум ёфта, ба рушди босуботи ҳамоҳангсозии муносибати одамон бо муҳити зист, ҳифзи саломатӣ ва ҳаёти одамон, баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ва беҳтар намудани сатҳи зиндагӣ мусоидат менамоянд.

Барои ба ин ҳадафҳо ноил шудан, дар минтақаҳо ҳар як Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатиро зарур аст, ки инкишофи илму техника ва кашфи навовариҳоро дар минтақа роҳандозӣ намуда, фаъолияти илмиро ҳамаҷониба дастгирӣ ва муҳаққиқонро ҳавасманд гардонад.

Корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҷрибавӣ имкон медиҳад, ки вазифаҳои муҳими стратегии рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо самаранок ва оқилона иҷро гарданд. Дар ин радиф, барои ҳалли оптималии муаммоҳо ва низоъ, ҳамоҳангсозии муносибат бо муҳити зист, баланд бардоштани самараи меҳнати ҷамъиятӣ замина фароҳам оварда мешавад ва, дар умум, барои беҳтар шудани сатҳи зиндагии мардум мусоидат мекунад. Маҳз ҳамин масъала мӯҳтаво ва муҳимияти мавзӯи таҳқиқотии диссертантро ташкил додааст.

Унвончӯ дар автореферат сохтори иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии минтақаро асоснок намуда, дар асоси ташкили танқидии андешаҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ нуқтаи назари худро оид ба маънидодкунии предмети таҳқиқот пешниҳод намудааст. Дар баробари ин, рейтинги мамлакатҳои хориҷаро аз рӯи сатҳи фаъолнокии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, аз ҷумла дар нашри мақолаҳои илмӣ, гурӯҳбандии мамлакатҳои хориҷа аз рӯи шумораи патентҳо, сохтори ташкили идоракунии иқтидори илмӣ-техникиро мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор додааст.

Диссертант баҳри муайян намудани иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии минтақа, дар асоси омӯзиши факту рақамҳо сифатан ва миқдоран таркиби кормандони илмиро муайян намуда, нашри корҳои илмӣ-таҳқиқотиро дар ин самт, хусусан, дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбии вилояти Хатлонро дар солҳои 2016-2020 таҳлил намуда, бо тарзи объективна рейтинги ниҳоии иқтидории илмии муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбии вилояти Хатлонро арзёбӣ намудааст.

Муаллиф оқилона дар асоси арзёбӣ дар вилояти Хатлон монеаҳои асосиро ошкор намудааст. Аз он ҷумла, таъминоти нокифояи молиявӣ ва моддиву техникӣ, мавҷуд набудани заминаи муосир барои рушди соҳаи илм ва технологияи инноватсионӣ, норасоии кадрҳои илмӣ, набудани робитаи зарурии илму маориф бо истеҳсолот ва нокифоягии маълумотҳои оморӣ. Диссертант қайд намудааст, ки мушкилоти ҷойдошта барои рушди устувории иқтисодиёти вилояти Хатлон таъсири манфӣ мерасонад.

Албатта, таҳқиқоти диссертатсионӣ комилан дар автореферат дарҷ намеёбад. Бинобар ин, дар мавриди мутолиаи автореферат эроду пешниҳодҳо ба миён меоянд. Масалан, муҳимтарин эродҳоро қайд кардан бамаврид аст:

1) мафҳуми иқтидори илмӣ-техникӣ, ки аз ҷониби олимони хориҷӣ ва ватанӣ пешниҳод гардидааст, бояд ба таври васеъ таҳлил мешуд, зеро ин амал илмияти мундариҷаи авторефератро боз ҳам мустаҳкамтар мегардонид;

2) ҳамзамон, таҳлили индикаторҳои рушди иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии минтақаи Хатлон дар автореферат нокифоя инъикос гардидааст.

Аммо ин эроду пешниҳодҳо, сатҳи назариявию амалии таҳқиқоти илмии Ятимов Амирхон Ҷурахоновичро коҳиш намедиҳад.

Дар маҷмуъ, мазмуни автореферат аз он шаҳодат медиҳад, ки диссертатсия таҳқиқоти ҷиддии илмӣ буда, мустақилияти муаллифро дар пажӯҳишу ҳалли муаммоҳои илмии мавзӯи интихобшуда нишон медиҳад.

Ҳамин тавр, автореферати диссертатсияи Ятимов Амирхон Ҷурахонович дар мавзӯи «Ташаккул ва такмили иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии минтақа дар шароити муосир (дар мисоли

вилояти Хатлон)» ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он арзандаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ мебошад.

**Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,**
**муовини ректор оид ба илм ва**
**инноватсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,**
**бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** **Ризоқулов Т.Р.**

**Суроғаи донишгоҳ:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, 17 мкр., хонаи №1, тел.: (+992) 342223594, e-mail: t_rizokulov@mail.ru

Имзои доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ризоқулов Тӯрақул Рабимқуловичро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус Мирпоччоев И.Х.